# ҲИСОБОТИ СОЛОНА 2025

ХАЗИНАИ СУҒУРТАИ АМОНАТУ ПАСАНДОЗҲОИ ТОҶИКИСТОН

# Ҳисоботи солонаи Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон | 2025

# МУНДАРИҶА


Ихтисораҳо 3

Мафҳумҳои асосӣ 4

Низоми суғуртаи ҳатмии амонату пасандозҳо 5

Муқаддима 6

1. Вазъи низоми суғуртаи амонату пасандозҳо 7

1.1. Иштироки ташкилотҳои қарзӣ дар низоми суғуртаи амонату пасандозҳо 8

1.2. Тамоюли афзоиши амонату пасандозҳои суғурташуда 12

1.3. Ҳолатҳои суғуртавӣ ва пардохти ҷубронпулии суғурта 18

2. Таъмини иҷрои дигар вазифаҳои Хазина 21

2.1. Арзёбии пардохтҳои тақвимии ташкилотҳои қарзӣ 22

2.2. Фаъолияти сармоягузорӣ ва идоракунии маблағҳо 23

2.3. Фаъолияти таблиғотӣ ва робита бо ҷомеа 25

2.4. Такмили санадҳои меъёрӣ 26

2.5. Ҳамкориҳои байналмилалӣ 27

2.6. Сохтори ташкилӣ ва кормандони Хазина 31

3. Ҳисоботи молиявии Хазина 32

Замимаҳо 37

## Ихтисораҳо

**АБСП (IADI)** – Ассотсиатсияи байналмилалии суғуртакунандагони пасандозҳо

**БМТ** – Бонки миллии Тоҷикистон

**БАТР** – Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд

**БОР** – Бонки Осиёгии Рушд

**Вазорати молия** - Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ИМА** – Иёлоти муттаҳидаи Америка

**КМА, Кумитаи АБСП (IADI)** - Кумитаи минтақавии Авруосиёи Ассотсиатсияи байналмилалии суғуртакунандагони пасандозҳо

**Қонун** – Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи суғуртаи амонату пасандозҳо”

**ММД** – Маҷмӯи Маҳсулоти Дохилӣ

**НСАП** – Низоми суғуртаи амонатиу пасандозҳо

**СБҲМ** – Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ

**ТАҚХ** – Ташкилоти амонатии қарзии хурд

**ТҚ** – Ташкилоти қарзӣ

**ТҚҒ** – Ташкилоти қарзии ғайрибонкӣ

**Хазина** – Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон

**ХБА** – Хазинаи байналмилалии асъор

**Шурои нозирон** - Шурои нозирони Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон

**ҶДММ** – Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд

**ҶСК** – Ҷамъияти саҳомии кушода

**ҶСП** – Ҷамъияти саҳомии пӯшида

**ҶТ** – Ҷумҳурии Тоҷикистон

# Мафҳумҳои асосӣ

### Низоми суғуртаи амонату пасандозҳо

Ҳимояи давлатии ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии пасандоздорон, ки аз ҷониби Хазина барои пардохти ҷубронпулии суғурта ҳангоми ба вуқуъ омадани ҳолати суғуртавӣ дар ташкилоти қарзӣ равона шудааст.

### Ташкилоти қарзӣ - узви Хазина

Бонкҳо[1] ва ташкилотҳои амонатии қарзии хурд.

### Пасандозҳои суғурташуда

Маблағи суратҳисобҳои амонату пасандозҳое, ки тибқи Қонун объекти ҳатмии суғурта мебошанд.

### Объекти ҳатмии суғурта

Амонату пасандозҳои дар суратҳисобҳои бонкӣ гузоштаи пасандоздорон бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ.

### Пасандоздорони суғурташуда

Шахсони воқеӣ, аз ҷумла соҳибкори инфиродӣ, инчунин шахсони ҳуқуқии субъекти соҳибкории хурд ва ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ.

### Андозаи ҷубронпулии суғурта

Маблағе, ки пасандоздор ба гирифтани он ҳангоми фаро расидани ҳолати суғуртавӣ ҳуқуқ дошта, андозаи он тибқи Қонун на бештар аз 35,000 сомонӣ муқаррар карда шудааст.

### Амонату пасандозҳои пурра рӯйпӯшшаванда

Ҳаҷми пасандозҳои суғурташудае, ки маблағашон аз андозаи ҷубронпулии суғурта зиёд нест.

### Амонату пасандозҳои қисман рӯйпӯшшаванда

Ҳаҷми пасандозҳои суғурташудае, ки маблағашон аз андозаи ҷубронпулии суғурта зиёд аст.

### Амонату пасандозҳои рӯйпӯшшуда

Ҳаҷми пасандозҳои суғурташудае, ки дар доираи андозаи ҷубронпулии суғурта аст.

### Ҳолати суғуртавӣ

Барҳамдиҳии маҷбурии ташкилоти қарзӣ – узви Хазина тибқи қарори суд.

[1] Ба истисноi бонкҳои давлатӣ ва исломӣ.

## Низоми суғуртаи ҳатмии амонату пасандозҳо

Низоми суғуртаи ҳатмии амонату пасандозҳо механизме мебошад, ки ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии пасандоздоронро аз хавфи муфлисшавии ташкилоти қарзӣ ва талафи пасандозҳои суғурташуда, ҳимоя менамояд. Фаъолияти низоми суғуртаи амонату пасандозҳо ба таҳкими боварии аҳолӣ ва пасандоздорон ба низоми бонкӣ равона гардида, он ба нигоҳдории суботи молиявӣ мусоидат мекунад.

Дар ин раванд, **Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон** мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи суғуртаи амонату пасандозҳо” бо мақсади ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии пасандоздорон, таъмини фаъолияти низоми суғуртаи ҳатмии амонату пасандозҳо, мусоидат ба нигоҳдории суботи низоми молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳкими боварии аҳолӣ ба низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон, амал менамояд.

Баҳри ноил гардидан ба мақсадҳои худ Хазина вазифаҳои асосии зеринро иҷро менамояд:

- ҷубронпулии суғуртаро сари вақт муайян ва ба пасандоздорон пардохт мекунад;
- феҳристи ташкилотҳои қарзии узви Хазинаро пеш бурда, фаъолияти ташкилотҳои қарзиро дар самти суғуртаи амонату пасандозҳо танзим ва назорат менамояд;
- пардохтҳои ташкилотҳои қарзиро арзёбӣ, ҷамъоварӣ ва баҳисобгирии онро амалӣ менамояд;
- бо мақсади андӯхти молу мулки Хазина маблағҳои Хазинаро сармоягузорӣ, идора ва ҷойгир мекунад;
- дар раванди батанзимдарории ташкилоти қарзӣ иштирок мекунад;
- бо мақсади нигаҳдории боварӣ ба низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба воситаи таъмини кафолати ҳимояи амонату пасандозҳо аҳли ҷомеаро хабардор менамояд.

### Шурои нозирони Хазина

Мақоми олии идоракунии Хазина, ки барои назорати умумии фаъолияти он масъул аст, Шурои нозирони Хазина мебошад. Ҳайати Шурои нозирон аз аъзои зерин иборат мебошад:

1. Раиси Бонки миллии Тоҷикистон (раиси Шурои нозирон);
2. Муовини якуми Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;
3. Намояндаи Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;
4. Раиси Ассотсиатсияи бонкҳои Тоҷикистон;
5. Раиси Хазина.

## Муқаддима

Ҳисоботи солонаи Хазина барои соли 2025 мутобиқи моддаи 11 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи суғуртаи амонату пасандозҳо" таҳия гардида, он таҳлили вазъи низоми суғуртаи амонату пасандозҳо, фаъолияти Хазина дар самти иҷрои вазифаҳои вогузоршуда ва ҷамъбасти натиҷаҳои молиявии Хазинаро дар соли ҳисоботии сипаришуда дарбар мегирад.

Дар соли 2025 бо вуҷуди ҷараёни вазъи номуътадили иқтисоди ҷаҳонӣ бо афзоиши хавфҳо, таҳримҳои иқтисодӣ ва монеаҳои савдои берунӣ, раванди рушди устувори иқтисодиёт ва вазъи муътадили макроиқтисодии кишварамон вобаста ба татбиқи сиёсати пайгиронаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маҷмуъ таъмин гардид.

Вазъи низоми бонкӣ дар соли 2025 устувор буда, афзоиши дороиҳо (24,6%), аз ҷумла қарзҳо (21,4%), пасандозҳо (33%) ва сармояи ташкилотҳои қарзии молиявӣ (25,5%) мушоҳида гардид. Дар баробари ин, нишондиҳандаҳои асосии устувории молиявӣ, ба монанди меъёрҳои кифоятии сармоя, пардохтпазирӣ, сифати дороиҳо ва даромаднокии ташкилотҳои қарзии молиявӣ бо натиҷаҳои мусбат ҷамъбаст гардиданд.

Дар соли ҳисоботӣ вазъи низоми суғуртаи амонату пасандозҳо низ устувор буда, афзоиши назарраси ҳаҷми амонату пасандозҳо (37,3%) ва шумораи пасандоздорони суғурташуда (48,6%) ба қайд гирифта шуд. Бахусус, ҳиссаи пасандоздорони амонату пасандозҳояшон пурра дар доираи андозаи ҷубронпулӣ, яъне 35,000 сомонӣ рӯйпӯшшуда - 98,2% шумораи умумии пасандоздоронро ташкил дод, ки аз он гувоҳӣ медиҳад, ки аксари пасандоздорони суғурташудаи ташкилотҳои қарзӣ аз ҷониби Хазина пурра ҳимоя карда шудаанд.

Дар соли 2025 афзоиши назарраси маблағҳои Хазина низ таъмин карда шуда, дороиҳои Хазина бори аввал дар таърихи фаъолияти худ 500 млн. сомониро ташкил доданд, ки ин нисбат ба соли 2024 беш аз 77 фоиз зиёд мебошад. Афзоиши мазкур сатҳи устувории молиявӣ ва пардохтпазирии Хазинаро беҳтар намуда, барои расидан ба андозаи тибқи Қонун муайяншудаи ҳадди аксари маблағи Хазина бевосита мусоидат менамояд.

Боиси қаноатмандӣ аст, ки дар соли ҳисоботӣ дар ягон ташкилоти қарзии узви Хазина ҳолати суғуртавӣ ба вуқуъ наомад. Ҳолати мазкур бевосита аз фаъолияти босуботу устувори низоми бонкӣ гувоҳӣ медиҳад. Дар маҷмуъ, Хазина фаъолияти худро дар соли 2025 баҳри ноил гардидан ба мақсаду вазифаҳои сиёсати давлатӣ дар самти ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии пасандоздорон, таҳкими боварии аҳолӣ ба низоми бонкии кишвар ва мусоидат ба нигоҳдории суботи низоми молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин танзими босамари низоми суғуртаи амонату пасандозҳо, идома дод.

# Вазъи низоми суғуртаи амонату пасандозҳо

# 1. ВАЗЪИ НИЗОМИ СУҒУРТАИ АМОНАТУ ПАСАНДОЗҲО

## 1.1. Иштироки ташкилотҳои қарзӣ дар низоми суғуртаи амонату пасандозҳо

Тибқи муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи суғуртаи амонату пасандозҳо” ҳар як ташкилоти қарзие, ки иҷозатномаи Бонки миллии Тоҷикистонро барои ҷалби амонату пасандозҳо дорад, узви Хазина мебошад. Дар низоми суғуртаи ҳатмии амонату пасандозҳо ҳамаи бонкҳо ва ташкилотҳои амонатии қарзии хурд (ТАҚХ), ба истиснои ду бонки давлатӣ ва як бонки исломӣ, ҳамчун иштирокчии низоми мазкур ва узви Хазина ба қайд гирифта шудаанд.

Ба ҳолати 31 декабри соли 2025 дар Феҳристи ташкилотҳои қарзии низоми суғуртаи амонату пасандозҳои аъзои Хазина 40 ташкилоти қарзӣ шомил буд, ки аз онҳо 16 адад бонк ва 24 адад ТАҚХ мебошад.

**Ташкилотҳои қарзӣ-узви Хазина ва низоми суғуртаи амонату пасандозҳо**




Дар соли ҳисоботӣ 5 ташкилоти қарзии нав ба низоми суғуртаи амонату пасандозҳо шомил гардида, ба 1 адад ташкилоти қарзии ғайрибонкӣ (ТҚҒ) ва 2 адад ТАҚХ бинобар табдилёбӣ ба бонк, инчунин ба 1 адад ТАҚХ бинобар иваз шудани ном тасдиқномаи нав дода шуд. Аз ҷумла, дар давоми сол дар Феҳристи ташкилотҳои қарзии низоми суғуртаи амонату пасандозҳо тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шуданд:

- бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон ба ҶДММ ТАҚХ «Стандарт Молия» иҷозатнома дода шуд. Дар ин асос, аз ҷониби Хазина ба ҶДММ ТАҚХ

«Стандарт Молия» тасдиқнома дар бораи узвият ба Хазина таҳти №076 аз санаи 18.02.2025 дода шуд;

- бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон ба ҶДММ ТАҚХ «Ганҷ Молия» иҷозатнома дода шуд. Дар ин асос, аз ҷониби Хазина ба ҶДММ ТАҚХ «Ганҷ Молия» тасдиқнома дар бораи узвият ба Хазина таҳти №077 аз санаи 03.06.2025 дода шуд;

- бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон ба ҶСП "Ҳумо Бонк" иҷозатнома дода шуд. Дар ин асос, аз ҷониби Хазина ба ҶСП "Ҳумо Бонк" тасдиқнома дар бораи узвият ба Хазина таҳти №078 аз санаи 29.07.2025 дода шуда, тасдиқномаи ҶСП ТАҚХ "Ҳумо" дар бораи узвият (аз 19.06.2023, №046) бинобар табдилёбӣ ба бонк аз эътибор соқит дониста шуд;

- тасдиқномаи ҶДММ ТАҚХ "Доро Пэй" дар бораи узвият ба Хазина (аз 31.12.2024, №074) бинобар ивази ном ба ҶДММ ТАҚХ "Доро Молия" аз эътибор соқит дониста шуда, ба ҶДММ ТАҚХ "Доро Молия" тасдиқнома дар бораи узвият ба Хазина аз санаи 25.08.2025 таҳти №079 дода шуд;

- бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон ба ҶСП "Васл Бонк" иҷозатнома дода шуд. Дар ин асос, аз ҷониби Хазина ба ҶСП "Васл Бонк" тасдиқнома дар бораи узвият ба Хазина таҳти №080 аз санаи 11.09.2025 дода шуда, тасдиқномаи ҶДММ ТҚҒ "Васл" (аз 19.06.2023, №067) бинобар табдилёбӣ ба бонк аз эътибор соқит дониста шуд;

- бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон ба ҶСП ТАҚХ «Зинда Капитал» иҷозатнома дода шуд. Дар ин асос, аз ҷониби Хазина ба ҶДММ ТАҚХ «Зинда Капитал» тасдиқнома дар бораи узвият ба Хазина таҳти №081 аз санаи 07.10.2025 дода шуд;

- бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон ба ҶСП ТАҚХ «Инноватсия Капитал» иҷозатнома дода шуд. Дар ин асос, аз ҷониби Хазина ба ҶСП ТАҚХ «Инноватсия Капитал» тасдиқнома дар бораи узвият ба Хазина таҳти №082 аз санаи 16.10.2025 дода шуд;

- бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон ба ҶДММ ТАҚХ «ОКСУС» иҷозатнома дода шуд. Дар ин асос, аз ҷониби Хазина ба ҶДММ ТАҚХ «ОКСУС» тасдиқнома дар бораи узвият ба Хазина таҳти №083 аз санаи 08.12.2025 дода шуд;

- бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон ба ҶСП Бонки "Имон Интернешнл" иҷозатнома дода шуд. Дар ин асос, аз ҷониби Хазина ба ҶСП Бонки "Имон Интернешнл" тасдиқнома дар бораи узвият ба Хазина таҳти №084 аз санаи 29.12.2025 дода шуда, тасдиқномаи ҶСП ТАҚХ "Имон Интернешнл" дар бораи узвият (аз 19.06.2023, №044) бинобар табдилёбӣ ба бонк аз эътибор соқит дониста шуд.

# ФЕҲРИСТИ
## ташкилотҳои қарзии низоми суғуртаи амонату пасандозҳо
## ба санаи 31 декабри соли 2025

| № | Номгӯи ташкилоти қарзӣ | Тасдиқнома |
|---|---|---|
| | **Бонкҳо** | **№** |
| 1 | ҶСК "Ориёнбонк" | 002 |
| 2 | ҶСК "Бонки Эсхата" | 006 |
| **3** | ҶСП "Бонки рушди Тоҷикистон" | 010 |
| 4 | ҶСП "Спитамен Бонк" | 013 |
| 5 | ҶСП Бонки "Арванд" | 025 |
| 6 | ҶСП "Бонки байналмилалии Тоҷикистон" | 055 |
| 7 | ҶСК "Алиф Бонк" | 056 |
| 8 | ҶСК "Коммерсбонки Тоҷикистон" | 058 |
| 9 | Шуъбаи бонки "Тиҷорат"-и ҶИЭ | 060 |
| 10 | ҶСП "Душанбе Сити Бонк" | 064 |
| 11 | ҶСП "Актив Бонк" | 070 |
| 12 | ҶСП "Бонки сармоягузорӣ ва қарзии Тоҷикистон" | 072 |
| 13 | ҶСП "Фридом Бонк Тоҷикистон" | 073 |
| 14 | ҶСП "Ҳумо Бонк" | 078 |
| 15 | ҶСП "Васл Бонк" | 080 |
| 16 | ҶСП Бонки "Имон Интернешнл" | 084 |
| | **Ташкилотҳои амонатии қарзии хурд** | **№** |
| 17 | ҶСП ТАҚХ "Ҳамров" | 016 |
| 18 | ҶДММ ТАҚХ "Финка" | 022 |
| 19 | ҶДММ ТАҚХ "Зудамал" | 023 |
| 20 | ҶДММ ТАҚХ "Матин" | 026 |
| 21 | ҶДММ ТАҚХ "Арғун" | 027 |
| 22 | ҶДММ ТАҚХ "Сомон-Тиҷорат" | 038 |
| 23 | ҶДММ ТАҚХ "Азизӣ-Молия" | 041 |

| | | |
|---|---|---|
| 24 | ЧДММ ТАҚХ "Тезинфоз" | 045 |
| 25 | ЧДММ ТАҚХ "Сарват" | 049 |
| 26 | ЧСП ТАҚХ "Ардо-Капитал" | 059 |
| 27 | ЧДММ ТАҚХ "Пайванд Гуруҳ" | 062 |
| 28 | ЧСП ТАҚХ "Фуруз" | 063 |
| 29 | ЧСП ТАҚХ "Сандуқ" | 065 |
| 30 | ЧСП ТАҚХ “Шукр Молия” | 066 |
| 31 | ЧДММ ТАҚХ “Эмин Сармоя” | 068 |
| 32 | ЧДММ ТАҚХ “Баракат Молия” | 069 |
| 33 | ЧДММ ТАҚХ ЛОЛС “Молия” | 071 |
| 34 | ЧСП ТАҚХ "Бизнес Капитал" | 075 |
| 35 | ЧДММ ТАҚХ “Стандарт Молия” | 076 |
| 36 | ЧДММ ТАҚХ “Ганҷ Молия” | 077 |
| 37 | ЧДММ ТАҚХ "Доро Молия" | 079 |
| 38 | ЧСП ТАҚХ “Зинда Капитал” | 081 |
| 39 | ЧСП ТАҚХ “Инноватсия Капитал” | 082 |
| 40 | ЧДММ ТАҚХ “ОКСУС” | 083 |

## 1.2. Суғурта гардидани амонату пасандозҳо

Мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи суғуртаи амонату пасандозҳо”, амонату пасандозҳои дар суратҳисобҳои шахсони зерини дар ташкилотҳои қарзии узви Хазина буда, бо суғуртаи ҳатмӣ фаро гирифта мешавад:

- шахсони воқеӣ, аз ҷумла соҳибкорони инфиродӣ;
- шахсони ҳуқуқии субъекти соҳибкории хурд;
- ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ.

Суғуртаи амонату пасандозҳо барои пасандоздорон пурра ройгон буда, тамоми хароҷоту чорабиниҳои ба ин вобаста, ба уҳдаи Хазина ва ташкилотҳои қарзӣ вогузор карда шудааст.

Ҳангоми дар ташкилоти қарзӣ – узви Хазина ба вуқуъ омадани ҳолати суғуртавӣ, пасандоздорон ҳуқуқи қонунии гирифтани ҷубронпулии суғуртаро аз рӯи амонату пасандозҳои худ дошта, Хазина кафолат медиҳад, ки маблағи суғурташудаи пасандоздорон дар доираи андозаи муқарраркардаи Қонун, ҷуброн карда мешавад.

Мутобиқи моддаи 22 Қонун андозаи ҷубронпулӣ аз рӯи амонату пасандозҳои суғурташуда на бештар аз 35 000 сомонӣ муайян гардидааст.

Қобили зикр аст, ки тибқи Қонун андозаи ҷубронпулӣ давра ба давра, вале на камтар аз як маротиба дар се сол бо назардошти раванди рушди низоми бонкию молиявӣ ва иқтисодии кишвар аз нав дида баромада мешавад. Умуман, зиёд гардидани андозаи ҷубронпулӣ барои ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии пасандоздорон, тавсеа додани фаъолияти низоми суғуртаи амонату пасандозҳо ва баланд бардоштани боварии аҳолӣ ба низоми бонкии кишвар равона гардидааст.

### Пасандозҳои суғурташуда ва сохтори он

Дар соли 2025 дар низоми суғуртаи амонату пасандозҳо афзоиши назарраси ҳаҷми пасандозҳои суғурташуда ва шумораи пасандоздорон идома ёфт. Ба ҳолати 31 декабри соли 2025 ҳаҷми умумии амонату пасандозҳои аз ҷониби Хазина суғурташаванда 16,5 млрд. сомониро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин санаи соли гузашта 37,3 фоиз зиёд мебошад.

Раванди афзоиши амонату пасандозҳо асосан бо омилҳои зерин, ба монанди рушди устувори иқтисодиёт, вазъи муътадили макроиқтисодӣ ва мунтазам зиёд шудани даромадҳои пулии аҳолӣ, фаъолияти устувори низоми бонкӣ ва таҳкимёбии эътимод ба низоми бонкӣ, инчунин таъсири мусбати татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи авф бинобар қонунигардонии дороиҳо ва маблағҳои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон”, алоқаманд буд.

**Ҳаҷми умумии пасандозҳои суғурташуда (млрд. сомонӣ)**




Дар сохтори пасандозҳои суғурташуда аз рӯи намуди асъор ҳиссаи бештар – 60,3 фоиз ба амонату пасандозҳо бо пули миллӣ рост омада, 39,7 фоизашро амонату пасандозҳо бо асъори хориҷӣ ташкил додааст.

Бояд қайд кард, ки бинобар тибқи Қонун бо суғуртаи ҳатмӣ фаро гирифта нашудани амонату пасандозҳои дигар шахсони ҳуқуқӣ (ба истисноӣ субъекти соҳибкории хурд ва ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ), ҳаҷми пасандозҳои суғурташуда 68,5 фоизи ҳаҷми умумии пасандозҳои дар ташкилотҳои қарзӣ – узви Хазина бударо дар бар гирифт. Инчунин, бо назардошти шомил набудани ду бонки давлатӣ ва як бонки исломӣ ба узвияти Хазина, пасандозҳои суғурташуда дар маҷмуъ 48,7 фоизи ҳаҷми умумии пасандозҳои низоми бонкиро ташкил дод.

Ҳиссаи афзалиятноки пасандозҳои суғурташуда - 95,2 фоиз ба шахсони воқеӣ, аз он ҷумла соҳибкорони инфиродӣ ва боқимонда 4,8 фоиз ба шахсони ҳуқуқӣ (субъектҳои соҳибкории хурд ва ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ) рост меояд.

**Фарогирии пасандозҳои суғурташуда аз ҷониби Хазина**
**(интиҳои давра, млрд. сомонӣ)**

| Нишондиҳанда | 2024 | 2025 |
|---|---|---|
| Ҳаҷми умумии пасандозҳо дар низоми бонкӣ | 25,5 | 33,9 |
| Ҳаҷми умумии пасандозҳо дар ташкилотҳои қарзӣ - узви Хазина | 18,2 | 24,1 |
| **Пасандозҳои суғурташуда дар ташкилотҳои қарзӣ-узви Хазина** | **12,0** | **16,5** |
| аз ҷумла: | | |
| Шахсони воқеӣ | 11,5 | 15,7 |
| Шахсони ҳуқуқӣ | 0,5 | 0,8 |

Дар таркиби пасандозҳои суғурташуда ҳиссаи амонатҳои дархостӣ, ки асосан аз маблағҳои бахши корпоративӣ (яъне, шахсони ҳуқуқӣ) иборатанд, ҳамагӣ 4,9 фоиз, амонатҳои пасандозӣ ва мӯҳлатнок, ки асосан аз маблағҳои шахсони воқеӣ иборат мебошанд, мувофиқан 52,1 фоиз ва 43,0 фоизи ҳаҷми умумии пасандозҳоро ташкил дод.

**Сохтори пасандозҳои суғурташуда аз рӯи намуди пасандоз (бо фоиз)**




Шумораи умумии пасандоздорони суғурташуда дар интиҳои давраи ҳисоботӣ 3,7 млн. нафарро ташкил дод, ки ин дар муқоиса ба интиҳои соли 2024 ба андозаи 48,6 фоиз зиёд мебошад. Аз шумораи умумии пасандоздорони суғурташуда ҳиссаи афзалиятнок – 99,8 фоиз ба шахсони воқеӣ рост омада, танҳо 0,2 фоизи пасандоздоронро шахсони ҳуқуқӣ ташкил медиҳанд.

**Пасандоздорони суғурташуда (млн. нафар)**



## Пасандоздорони амонату пасандозҳояшон пурра ва қисман рӯйпӯшшуда

Аз шумораи умумии пасандоздорони суғурташуда ҳиссаи аксар 98,2 фоиз (3,64 млн. нафар) ба пасандоздорони пурра рӯйпӯшшуда (пасандоздороне, ки маблағашон то 35 000 сомонӣ аст), рост меояд. Ҳаҷми рӯйпӯши суғуртавии пасандоздорони мазкур 3,9 млрд. сомонӣ ё худ 23,7 фоизи ҳаҷми умумии пасандозҳои суғурташударо ташкил дод.

**Ҳиссаи пасандоздорони дар доираи андозаи ҷубронпулӣ пурра ва қисман рӯйпӯшшуда**




Ҳиссаи боқимондаи пасандоздорон, ки маблағи пасандозҳояшон аз андозаи ҷубронпулӣ зиёд буда, қисман рӯйпӯш шудаанд, ҳамагӣ 1,8 фоизи шумораи умумии пасандоздорон (66,6 ҳаз. нафар)-ро ташкил медиҳад. Маблағи пасандоздорони мазкур 12,6 млрд. сомонӣ ё худ 76,3 фоизи ҳаҷми умумии пасандозҳои суғурташуда ва рӯйпӯши суғуртавиашон бошад (дар доираи 35 000 сомонӣ) – ҳамагӣ 2,3 млрд. сомониро ташкил дод.

**Амонату пасандозҳои рӯйпӯшшуда ва сохтори он**
**(интиҳои давра, млрд. сомонӣ)**

| | Нишондиҳанда | 2024 | 2025 | Ҳисса, 2025 (%) |
|---|---|---|---|---|
| **1** | **Пасандозҳои суғурташуда дар ташкилотҳои қарзӣ-узви Хазина** | **12,0** | **16,5** | **100,0** |
| 1.2 | Ҳаҷми амонату пасандозҳои пурра рӯйпӯшшаванда | 3,1 | 3,9 | 23,7 |
| 1.3 | Ҳаҷми амонату пасандозҳои қисман рӯйпӯшшаванда | 8,9 | 12,6 | 76,3 |
| 1.3.1 | аз он дар доираи андозаи ҷубронпулӣ | 1,7 | 2,3 | 14,1 |
| **2** | **Ҳаҷми амонату пасандозҳои рӯйпӯшшуда дар доираи андозаи ҷубронуплӣ (2 = 1.2 + 1.3.1)** | **4,8** | **6,2** | **37,9** |

**Амонату пасандозҳои рӯйпӯшшуда (млрд. сомонӣ)**




Дар маҷмуъ, ҳаҷми амонату пасандозҳои рӯйпӯшшуда дар дораи андозаи ҷубронпулӣ, ки ӯҳдадориҳои потенсиалии Хазинаро аз рӯи пардохти ҷубронпулӣ инъикос менамояд, ба ҳолати 31 декабри соли 2025 маблағи 6,2 млрд. сомониро ташкил дод, ки он нисбат ба ҳамин санаи соли гузашта вобаста ба афзоиши ҳаҷми пасандозҳои суғурташуда, 29,5 фоиз зиёд шудааст.

Амонату пасандозҳои рӯйпӯшшуда дар назди бонкҳо ҳиссаи афзалиятнок – 98,3 фоизи (6,1 млрд. сомонӣ) ва дар назди ТАҚХ, бо назардошти ба бонк табдил ёфтани се адад ТАҚХ, ҳамагӣ 1,7 фоизи ҳаҷми умумии амонату пасандозҳои рӯйпӯшшуда (0,1 млрд. сомонӣ)-ро ташкил дод.

**Амонату пасандозҳои рӯйпӯшшуда дар ташкилотҳои қарзӣ (млрд. сомонӣ)**



Ҳамзамон, тамаркузи амонату пасандозҳои рӯйпӯшшуда асосан миёни 10 ташкилоти қарзии (бонки) калонтарин рост омада, он ба таври зерин тақсимбандӣ шудааст: ҳиссаи 10 бонк – 96,0% (6,0 млрд. сомонӣ), 6 бонк – 82,0% (5,1 млрд. сомонӣ), 3 бонк – 63,0% (3,9 млрд. сомонӣ) ва 1 бонк – 27,0% (1,7 млрд. сомонӣ)-и ҳаҷми умумии амонату пасандозҳои рӯйпӯшшударо ташкил медиҳад.

**Тамаркузи амонату пасандозҳои рӯйпӯшшуда дар 10 бонки калонтарин (бо %)**




Бояд қайд кард, ки амонату пасандозҳои (дар доираи андозаи ҷубронпулӣ) рӯйпӯшшуда 37,9 фоизи ҳаҷми умумии пасандозҳои суғурташударо ташкил дода, дар навбати худ 62,1 фоизи ҳаҷми пасандозҳои суғурташуда бо рӯйпӯши суғуртавӣ фаро гирифта намешавад.

**Таносуби амонату пасандозҳои рӯйпӯшшуда ва рӯйпӯшнашуда (бо %, нисбат ба пасандозҳои суғурташуда)**



Мутобиқи Принсипҳои калидии Ассотсиатсияи байналмилалии суғуртаи пасандозҳо, ҳиссаи зиёди шумораи пасандоздорон бояд дар доираи андозаи ҷубронпулӣ пурра рӯйпӯш (ҳимоя) карда шавад ва ҳиссаи бештари ҳаҷми пасандозҳои суғурташуда бошад бо мақсади пешгирии “хавфи бемасъулиятӣ (moral hazard)” бояд таҳти омили интизоми бозорӣ қарор гирифта, пурра рӯйпӯш карда нашавад.

Дар ин робита, тавре таҳлили нишондиҳандаҳои дар боло овардашуда нишон медиҳад, аз ҷониби Хазина ҳиссаи афзалиятноки шумораи пасандоздорон – 98,2 фоиз пурра рӯйпӯш гардида, ҳиссаи бештари пасандозҳои суғурташуда – 62,1 фоиз рӯйпӯш намешавад.

Бояд қайд намуд, ки пас аз мавриди истифода қарор гирифтани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи суғуртаи амонату пасандозҳо” (Қонуни ҶТ аз 15.03.с.2023, №1961) барои бештари ташкилотҳои қарзӣ – узви Хазина муайяннамоӣ ва суғуртакунии амонату пасандозҳои субъектҳои соҳибкории хурд бинобар маҳдуд будани имкониятҳо барои таснифбандии суратҳисобҳои субъектҳои соҳибкории хурд то андозае мушкил гардид. Чунин маълумот дар бораи субъекти соҳибкории хурд аз худи шахси ҳуқуқӣ-мизоҷи ташкилоти қарзӣ ва ё мақомоти андоз, ки маълумоти дахлдор дар феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ мавҷуд аст, гирифтан мумкин аст.

Вобаста ба ин, Хазина бо мақсади мусоидат ба ҳалли мушкилии мазкур ва иҷрои саривақти талаботи Қонун бо Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкорӣ намуда, дар давраи баррасишаванда ҷиҳати гирифтани маълумот оид ба объектҳои ҳатмии суғурта бо ёрии интерфейси барномавӣ (API) ба низоми иттилоотии муттаҳидшудаи идоракунии андози КВД «Маркази барномасозии маъмурикунонии андоз»-и назди Кумитаи андоз дар асоси созишнома пайваст гардид. Ҳамзамон, Хазина бо ин мақсад ҷиҳати шомилшавии ташкилотҳои қарзӣ низ ба низоми иттилоотии муттаҳидшудаи идоракунии андоз бо КВД «Маркази барномасозии маъмурикунонии андоз» музокирот ба анҷом расонид, ки тибқи он ташкилотҳои қарзӣ бевосита ба маълумоти низоми иттилоотии Кумитаи андоз бемамоният пайваст шуда истодаанд.

## 1.3. Ҳолатҳои суғуртавӣ дар ташкилотҳои қарзии узви Хазина ва пардохти ҷубронпулии суғурта

Дар соли 2025 дар ягон ташкилоти қарзии узви Хазина ҳолати суғуртавӣ ба вуқуъ наомад, ки бевосита аз вазъи муътадил ва фаъолияти босуботи низоми бонкӣ гувоҳӣ медиҳад.

Хазина мутобиқи Қонун ҳангоми фаро расидани ҳолати суғуртавӣ, яъне барҳамдиҳии маҷбурии ташкилоти қарзӣ, пардохти ҷубронпулии суғуртаро ба

пасандоздорони ташкилоти қарзии муфлисшуда на дертар аз 14 рӯз пас аз фарорасии ҳолати суғуртавӣ, оғоз ва таъмин менамояд. Бо ин роҳ Хазина мақсадҳои сиёсати давлатиро дар самти ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии пасандоздорон амалӣ менамояд.

**Диаграммаи схематикии раванди оғози пардохти ҷубронпулии суғурта**




Дар давоми соли 2025 аз ҷониби Хазина танҳо ба пасандоздорони бонкҳои қаблан дар соли 2021 барҳамдодашуда – ҶСК "Агроинвестбонк" (АИБ) ва ҶСК "Тоҷиксодиротбонк" (ТСБ), ки бо сабабҳои фавқулода дар мӯҳлатҳои пешбинишуда барои гирифтани ҷубронпулӣ муроҷиат карда натавонистанд, пардохти ҷубронпулии суғурта дар асоси муқаррароти моддаи 26-и Қонун идома ёфт.

Аз ҷумла, бо назардошти пешниҳоди аризаи пасандоздорон оид ба тамдиди мӯҳлати муроҷиат барои гирифтани ҷубронпулии суғурта, Хазина аризаҳои 6 нафар пасандоздорони муроҷиаткардаро қонеъ карда, ба онҳо ба маблағи 91,7 ҳаз. сомонӣ ҷубронпулӣ пардохт намуд. Аз давраи барҳамхӯрӣ яъне аз соли 2021 то интиҳои соли 2025 Хазина ба 13 118 нафар пасандоздорони АИБ ва ТСБ ба маблағи умумии 189,0 млн. сомонӣ ҷубронпулӣ пардохт намудааст.

Дар маҷмуъ, дар давраи солҳои 2016-2025 дар 18 ташкилоти қарзии узви Хазина, ки бинобар асосҳои маҷбурӣ барҳам дода шуда буданд, аз тарафи Хазина ба 15 397 нафар пасандоздорони суғурташуда ба маблағи умумии 212,4 млн. сомонӣ ҷубронпулии суғурта пардохт карда шуд.

**Пардохти ҷубронпулии суғурта ба пасандоздорон (млн. сомонӣ)**




Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи суғуртаи амонату пасандозҳо” ҳуқуқи талаби манфиатҳои пасандоздор баробар ба андозаи маблағи пардохташудаи ҷубронпулӣ ба пасандоздорони ташкилотҳои қарзии барҳамдодашуда ҳамчун суброгатсия ба Хазина вогузор карда шудааст. Талаботи мазкури Хазина тибқи тартиби муқаррарнамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ” аз ҷониби мудири махсус ё барҳамдиҳанда қонеъ карда мешавад. Талаботи мазкур дар асоси принсипҳои асосии суғуртакунии пасандозҳо, ки аз ҷониби АБСП қабул шудааст, тибқи таҷрибаи ҷаҳонӣ ҳамчун меъёри маъмулӣ эътироф шудааст.

Дар соли 2025 раванди қонеъ гардонидани талаби Хазина ҳамчун қарздеҳ низ ғайриқаноатбахш боқӣ монда, аз се ташкилоти қарзии барҳамхӯрда, ки нисбати онҳо расмиёти муфлисшавӣ татбиқ шуда истодааст (аз ҷумла, ҶСП БСТ ТИСТ "Тоҷпромбонк", ҶСК "Тоҷиксодиротбонк" ва ҶСК "Агроинвестбонк"), ба Хазина ягон маблағ барқарор нагардида, талаби Хазина иҷронашуда ҳисобида мешавад.

Ҳамин тариқ, ба интиҳои соли 2025 аз 18 ташкилоти қарзии барҳамдодашуда ҳамагӣ 6-тои он уҳдадориҳои худро пурра иҷро карда, як ташкилоти қарзии барҳамхӯрда (ҶСК "Фононбонк") қисман ба андозаи танҳо 8,9 фоизи уҳдадории умумии худ дар назди Хазина, талаби Хазинаро қонеъ кардааст.

Дар умум, маблағи қонеъкардашудаи ташкилотҳои қарзии барҳамхӯрда ҳамагӣ 1,1 млн. сомонӣ ё худ 0,5 фоизи маблағи умумии ҷубронпулии аз ҷониби Хазина ба ташкилотҳои қарзии барҳамхӯрда пардохтшударо ташкил медиҳад, ки нишондиҳандаи мазкур бениҳоят паст ва ғайриқаноатбахш мебошад.

# Таъмини иҷрои дигар вазифаҳои Хазина

# 2. ТАЪМИНИ ИҶРОИ ДИГАР ВАЗИФАҲОИ ХАЗИНА

## 2.1. Арзёбии пардохтҳои тақвимии ташкилотҳои қарзӣ

Мутобиқи моддаи 16 Қонуни ҶТ “Дар бораи суғуртаи амонату пасандозҳо” ташкилотҳои қарзии аъзои Хазина бояд ҳар семоҳа ба андозаи 0,1 фоиз барои амонату пасандозҳо бо пули миллӣ ва 0,3 фоиз барои амонату пасандозҳо бо асъори хориҷӣ аз рӯйи бақияи миёнаи семоҳаи гузаштаи онҳо, ки дар ташкилоти қарзӣ мавҷуданд ва бояд суғурта шаванд, пардохтҳои тақвимии бебозгаштро ба Хазина пардохт намоянд.

Бо дарназардошти ин, дар соли 2025 тибқи ҳисоботи тавозунӣ ҳаҷми пардохтҳои тақвимии аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ ба Хазина пардохташуда 92,0 млн. сомониро ташкил дод, ки он нисбат ба соли қаблӣ 32,6 фоиз зиёд мебошад. Аз ҳаҷми умумии пардохтҳои тақвимии пардохтшуда 33,9 фоиз аз рӯи амонату пасандозҳо бо пули миллӣ ва 66,1 фоиз амонату пасандозҳо бо асъори хориҷӣ рост омад.

Афзоиши пардохтҳои тақвимӣ асосан бо зиёд шудани ҳаҷми амонату пасандозҳо дар ташкилотҳои қарзии аъзои Хазина вобаста аст.

**Афзоиши солонаи ҳаҷми пардохтҳои тақвимӣ (бо фоиз)**




Хазина пардохтҳои ташкилотҳои қарзиро бевосита барои ташаккули захира барои ҷуброни пасандозҳои суғурташуда бо мақсади иҷрои вазифаҳои пешбининамудаи Қонун, пеш аз ҳама таъмини кафолати ҷуброни суғуртавии амонату пасандозҳои пасандоздорон ҳангоми ба вуқуъ омадани ҳолати суғуртавӣ равона менамояд. Дар ин раванд, таъминнокии ҷоизи маблағҳои захиравии Хазина бевосита ба эътимоди аҳолӣ ба низоми суғуртаи амонату пасандозҳо ва субъоти молиявии низоми бонкӣ мусоидат менамояд.

## 2.2. Фаъолияти сармоягузорӣ ва идоракунии маблағҳо

Фаъолияти сармоягузорӣ яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи Хазина ҷиҳати андӯхти маблағҳои ҷамъовардашуда тавассути идора ва ҷойгиркунонии самараноки онҳо ба ҳисоб меравад.

Тибқи Қонун Хазина бо мақсади гирифтани даромади ҷолибнок маблағҳои худро метавонад ба воситаҳои молиявии зерин сармоягузорӣ намояд:

- коғазҳои қиматноки давлатӣ;
- коғазҳои қиматноки Бонки миллии Тоҷикистон;
- коғазҳои қиматноки давлатҳои хориҷӣ ё бонкҳои марказии (миллии) хориҷии бонуфуз;
- амонатҳо дар Бонки миллии Тоҷикистон бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ;
- коғазҳои қиматноки созмонҳои молиявии байналмилалӣ.

Дар соли 2025 Хазина маблағҳои озоди худро мутобиқ ба принсипҳои асосии сармоягузорӣ (бехатарӣ, пардохтпазирӣ ва даромаднокӣ), ба коғазҳои қиматноки давлатии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳамчун манбаи боэътимоди сармоягузорӣ ба ҳисоб меравад, сармоягузорӣ кард.

Дар давоми соли ҳисоботӣ дар маҷмуъ 14 музоядаи барориши коғазҳои қиматноки давлатӣ дар ҳаҷми умумии 995,0 млн. сомонӣ баргузор гардид, ки ҳаҷми он нисбат ба соли қаблӣ 71,6 фоиз зиёд мебошад. Бояд зикр кард, ки дар соли ҳисоботӣ бори аввал дар таърихи кишвар аз ҷониби Вазорати молияи ҶТ барориши Вомбаргҳои сабзи давлатӣ бо муҳлатнокии панҷсола дар бозори муташаккил бо дарназардошти арзиши рақобатнок ва шартҳои барои сармоягузорон ҷолибнок, тарҳрезӣ ва татбиқ карда шуд.

Дар маҷмуъ, муҳлатнокии коғазҳои қиматноки давлатӣ 6-моҳа, 1-сола, 2-сола, 3-сола ва 5-сола (вомбаргҳои сабз) буда, фоизи даромаднокии воситаҳои молиявии мазкур вобаста ба муҳлат аз 5 то13 фоизи солонаро ташкил дод, ки ин пурра ба талаботу таклифот ва ба меъёрҳои бозорӣ ҷавобгӯ мебошад.

Вобаста ба ин, Хазина дар соли ҳисоботӣ дар музоядаҳои коғазҳои қиматноки давлатии Вазорати молия фаъолона иштирок намуд. Аз ҷумла, аз рӯи ҷамъбасти сол Хазина маблағҳои худро дар ҳаҷми 350,8 млн. сомонӣ, ки 35,3 фоизи ҳаҷми умумии бароριши коғазҳои қиматноки давлатиро ташкил медиҳад, ҷойгир кард.

Сохтори сармоягузориҳои Хазина диверсификатсия карда шуда, муҳлати гардиши воситаҳои молиявӣ бо тақсимоти зерин ифода ёфт: коғазҳои қиматноки кӯтоҳмуҳлат (то 1 сол) – 49 фоизи сандуқ, миёнамуҳлат (аз 1 то 3 сол) – 34 фоизи сандуқ ва дарозмуҳлат (зиёда аз 3 сол) – 17 фоизи сандуқи сармоягузорӣ.

**Иштироки Хазина дар бозори коғазҳои қиматноки давлатӣ (млн. сомонӣ)**




Меъёри фоизи даромаднокии миёнавазни сармоягузориҳои Хазина ба коғазҳои қиматноки мазкур 9,14 фоизи солонаро ташкил дода, даромади аз ин ҳисоб гирифташудаи Хазина дар соли баррасишаванда тибқи баҳисобгирии СБҲМ ба 18,5 млн. сомонӣ расид, ки ин нишондоди таърихан зиёдтарини Хазина арзёбӣ мегардад. Меъёри фоизи даромаднокӣ ва даромади Хазина аз ҷойгиркунии дороиҳо нисбат ба соли қаблӣ мувофиқан 2,53 банди фоизӣ ва 2,7 маротиба афзоиш ёфт.

**Даромади фоизии Хазина аз сармоягузорӣ ба коғазҳои қиматноки давлатӣ (бо ҳаз. сомонӣ ва бо фоиз)**



## 2.3. Фаъолияти таблиғотӣ ва робита бо ҷомеа

Яке аз вазифаҳои муҳими фаъолияти Хазина ин пешбурди таблиғоту ташвиқот ҷиҳати баланд бардоштани саводнокии молиявии ҷомеа оид ба моҳият ва нақши низоми суғуртаи амонату пасандозҳо, афзалиятҳо ва нишондиҳандаҳои асосии он ва ба ин васила таҳкими боварии аҳолӣ ба низоми суғуртаи амонату пасандозҳо ва низоми бонкӣ ба ҳисоб меравад.

Зеро, ҳангоми хабардор будан оид ба ҳимоя гардидани амонату пасандозҳои худ, мизоҷон дар ҳолатҳои бӯҳронӣ ба хавфи ваҳм ва ба таври оммавӣ яку якбора бозпас гирифтани пасандозҳои худ, ки боиси бад гардидани вазъи ташкилоти қарзӣ мегардад, роҳ намедиҳанд. Омили мазкури равонӣ бо назардошти оне, ки низоми суғуртаи амонату пасандозҳо маблағи шумораи аксари пасандоздорон (98,2%)-ро пурра суғурта ва рӯйпӯш менамояд, бевосита ба таҳкими боварии аҳолӣ ба низоми бонкӣ таъсири мусбат мерасонад.

Барои аҳолӣ, бахусус мизоҷони потенсиалии ташкилотҳои қарзӣ, боварӣ ба низоми бонкӣ омили муҳим арзёбӣ гардида, чӣ қадаре ки аҳолӣ оид ба механизми суғуртаи амонату пасандозҳо маълумоти бештар дошта бошад, ҳамон қадар барои истифодаи маҳсулотҳои бонкӣ, аз ҷумла кушодани суратҳисобҳои амонату пасандоз таваҷҷуҳ зоҳир менамоянд. Дар навбати худ, ҳамаи ин ба афзоиши ҷалби пасандозҳо ва пойгоҳи захиравии ташкилотҳои қарзӣ, билохир сатҳи қарздиҳӣ ба соҳаҳои мухталифи иқтисодиёт ва рушди иқтисоди кишвар мусоида менамояд.

Бо дарки аҳамияти фаъолияти таблиғотӣ ва робита бо ҷомеа Хазина дар давоми соли ҳисоботӣ ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии раванди корӣ дар самти корҳои ташвиқотӣ, паҳнсозии маълумот ва огоҳонии оммаи васеъ оид ба моҳияти низоми суғуртаи амонату пасандозҳо, корҳои муайянро анҷом дод.

Дар давраи ҳисоботӣ дар сомонаи расмии Хазина ва шабакаҳои иҷтимоӣ маводҳои иттилоотию таҳлилӣ ва эълонҳо мунтазам нашр карда шуданд. Хазина оид ба масъалаҳои мухталифи соҳа, аз ҷумла оид ба тағйиротҳо дар низоми суғуртаи амонату пасандозҳо, оид ба феҳристи ташкилотҳои қарзӣ–узви Хазина, нишондиҳандаҳои таҳлилӣ оид ба суғуртакунии амонату пасандозҳо ва итилоот вобаста ба фаъолияти Хазина омода карда, дар сомонаи худ ҷойгир намуд.

Дар давоми давраи баррасишаванда баҳри баланд бардоштани сатҳи огоҳии аҳолӣ оид ба низоми суғуртаи амонату пасандозҳо, мунтазам маводҳои таблиғотӣ, аз қабили буклетҳо, плакатҳо, баннерҳо, нишони худчаспи Хазина (стикерҳо), инчунин рекламаҳои радиоӣ ва наворҳои видеоӣ омода гардида, тавассути ташкилотҳои қарзӣ, радио ва телевизион паҳн карда шуданд. Маводу наворҳои мазкур инчунин таввассути сомона ва шабакаҳои иҷтимоии Хазина низ пешкаши омма гардонида шуданд.

Бояд қайд кард, ки аз дараҷаи дар ин самт шомил ва ҳавасманд будани ташкилотҳои қарзӣ ҳамчун аъзои Хазина ва иштирокчии низоми суғуртаи амонату пасандозҳо, бо назардошти имкониятҳои фаррохтари онҳо ва робитаи бевосита доштан бо пасандоздорон ва мизоҷони потенсиалӣ дар фаъолияти ҳаррӯзаи худ, самаранокии раванди огоҳонии аҳли ҷомеа вобастагии зиёд дорад.

Дар ин ҷода, мутобиқи Қонун ташкилотҳои қарзии – узви Хазина уҳдадор мебошанд, ки ба пасандоздорон пешниҳоди маълумотро тибқи санадҳои меъёрии Хазина, ба таври доимӣ таъмин намоянд. Аз ҷумла, “Тартиби аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ пешниҳоди маълумот ба пасандоздорон оид ба низоми суғуртаи амонату пасандозҳо” маҷмӯи чорабиниҳои амалишавандаро аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ дар самти пешниҳоди маълумот ба аҳолӣ ва пасандоздорон оид ба низоми суғуртаи амонату пасандозҳо, оиди узвияти худ дар Хазина, оиди намудҳои амонату пасандозҳои суғурташаванда, андозаи ҷубронпулӣ ва дигар ҷабҳаҳои марбута муайян менамояд.

Яке аз талаботҳои ҳатмии Тартиби болозикр ин аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ ба мизоҷон ҳангоми кушодани суратҳисоби амонату пасандоз пешниҳод намудани варақаи иттилоотии шакли муайян оид ба моҳияти низоми суғуртаи амонату пасандозҳо мебошад,  ки ташкилотҳои қарзӣ  дар ин самт пайваста чораҷӯӣ менамоянд.

Дар соли ҳисоботӣ ҷиҳати баланд бардоштани маърифати молиявии аҳолӣ дар якҷоягӣ бо ташкилотҳои қарзӣ бахшида ба “Рӯзи ҷаҳонии пасандозҳо” як қатор чорабиниҳо, аз қабили озмун ва иқдомҳои марбут ба ҷалби пасандозҳо, ташкили вохӯриҳо бо аҳолӣ оид ба фаҳмонидани моҳияти суғуртаи пасандозҳо, пахш намудани маводҳои таблиғотию ташвиқотӣ оид ба амалиётҳои пасандозӣ дар воситаҳои ахбори умум амалӣ карда шуд.

## 2.4. Такмили қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрӣ

Дар соли 2025 Хазина як қатор санадҳои меъёриро, ки фаъолияти онро дар самтҳои гуногун танзим менамоянд, омода намуд. Аз ҷумла, бо мақсади пурзур намудани низоми назорати дохилӣ ва идораи хавфҳо, тибқи талаботи Қонуни ҶТ “Дар бораи суғуртаи амонату пасандозҳо”, инчунин Қонуни ҶТ “Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ”, санадҳои меъёрии зерин аз ҷониби Шурои нозирони Хазина тасдиқ карда шуданд

- Низомнома оид ба сиёсати назорати дохилӣ дар Хазина (қарори Шурои нозирон №2 аз 15 апрели соли 2025);
- Низомнома оид ба сиёсати баҳисобгирии муҳосибӣ дар Хазина (қарори Шурои нозирон №3 аз 15 апрели соли 2025).

Инчунин, дар давоми сол якчанд санадҳои дохилии дигар, ба монанди Дастур дар бораи тартиби кори Комиссияи харид дар Хазина, Дастур оид ба тартиби харидорӣ, баҳисобгирӣ, нигаҳдорӣ ва истифодаи ашёҳои камарзиш ва зудфарсудашаванда дар Хазина, Дастур оид ба тартиби гузаронидани барӯйхатгирии дороиҳо дар Хазина, таҳия ва бо фармони раиси Хазина тасдиқ гардиданд.

Дар интиҳои соли ҳисоботӣ бо мақсади тавсеаи фаъолияти низоми суғуртаи амонату пасандозҳо ва ҳимояи бештари ҳуқуқу манфиатҳои қонунии пасандоздорон, аз он ҷумла тавассути танзим ва такмил додани андозаи ҷубронпулии суғурта вобаста ба раванди рушди иқтисоди миллӣ, аз ҷониби Хазина дар ҳамкорӣ бо Бонки миллии Тоҷикистон лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи суғуртаи амонату пасандозҳо" омода карда шуда, айни замон лоиҳаи мазкур дар марҳилаи мувофиқа қарор дорад.

## 2.5. Ҳамкориҳои байналмилалӣ

Дар соли 2025 баҳри тақвияти низоми суғуртаи амонату пасандозҳо ҳамкориҳои судманд бо ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ, аз ҷумла Бонки Ҷаҳонӣ ва Бонки Осиёгии Рушд (БОР) идома ёфтанд.

Аз ҷумла, дар давоми соли 2025 Хазина бо мақсади ҷалби сармоя ва барқарор намудани захираҳои молиявӣ бо Бонки Ҷаҳонӣ дар доираи лоиҳаи "Рушди бахши молиявӣ ва хусусии Тоҷикистон" фаъолона ҳамкорӣ намуд.

### Лоиҳаи "Рушди бахши молиявӣ ва хусусии Тоҷикистон"

Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ассотсиатсияи байналмилалии рушди Гурӯҳи Бонки Ҷаҳонӣ санаи 21 декабри соли 2023 Созишнома дар бораи маблағгузории лоиҳаи "Рушди бахшҳои молиявӣ ва хусусӣ"-ро ба маблағи 50,0 миллион доллари ИМА (Гранти № E2040-TJ) ба имзо расониданд.

Татбиққунандаи лоиҳаи мазкур Муассисаи давлатии «Маркази татбиқи лоиҳаи «Дастрасӣ ба маблағгузории сабз ва маблағҳои рушди деҳот»-и назди Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, тибқи компоненти 1 "Суғуртаи пасандозҳо", Хазина ҳамчун яке аз гирандагони маблағ баромад менамояд. Дар доираи ҳуҷҷати Созишномаи молиявӣ маблағҳои грантӣ дар ҳаҷми 11,2 млн. СДР барои сармоякунонии Хазина, таъмини низомҳои технологияҳои иттилоотӣ ва пешбурди корҳои ташвиқоту тарғиботии аҳолӣ, пешбинӣ гардидааст. Аз ҷумла:

- Зеркомпоненти 1.1. "Сармоякунонии Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон" ба маблағи 10,2 млн. СДР бо назардошти таҳия ва

қабули як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва иҷрои ислоҳот дар самти васеъ намудани доираи фарогирии суғуртавӣ ба шахсони ҳуқуқӣ;

- Зеркомпоненти 1.2. "Таъмини низомҳои технологияҳои иттилоотӣ барои Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон" ба маблағи 0,7 млн. СДР барои хариди низоми автоматикунонидашудаи пардохти ҷубронпулӣ бо мақсади таъмини фаврияти раванди пардохти ҷубронпулӣ ба пасандоздорон;

- Зеркомпоненти 1.3. "Чорабиниҳои ташвиқоту тарғиботии аҳолӣ" ба маблағи 0,3 млн. СДР барои пешбурди корҳои таблиғотӣ-маълумотдиҳӣ ҷиҳати баланд бардоштани огоҳии аҳолӣ оид ба низоми суғуртаи амонату пасандозҳо.

Мақсад аз татбиқи Лоиҳа ин таъмини кафолати амонату пасандозҳои пасандоздорони ташкилотҳои қарзии иштирокчиёни низоми суғуртаи амонату пасандозҳо, баланд бардоштани эътимоди онҳо ба низоми бонкӣ тавассути пардохти ҷубронпулӣ ба пасандоздорон мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи суғуртаи амонату пасандозҳо", мусоидат ба суботи молиявӣ ва пешгирии барҳамхӯрии бонкҳо, инчунин афзоиши пасандозҳои низоми бонкӣ ҷиҳати ҳавасманд намудани рушди иқтисодиёти кишвар, мебошад.

Ҳадаф ва нишондиҳандаҳои афзалиятноки компоненти Хазина чунинанд:

- барқарорнамоии дороиҳои Хазина ва таҳкими устувории молиявии он;
- кам намудани муҳлати ноил гардидан ба андозаи ҳадди аксари маблағҳои Хазина аз 12 сол то 5-7 сол.
- таҳкимёбии низоми суғуртаи амонату пасандозҳо тавассути ба фарогирии суғурта дохил намудани амонату пасандозҳои шахсони ҳуқуқии дахлдор, зиёд намудани андозаи ҷубронпулии суғуртавӣ ва ғ.;
- ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии пасандоздорон, баланд бардоштани эътимоди пасандоздорон ва боварии аҳолӣ ба низоми бонкии кишвар;
- ҳавасмандгардонии афзоиши ҷалби бештари пасандозҳо ба низоми бонкӣ;
- таъмини фаврияти раванди пардохти ҷубронпулӣ ба пасандоздорон;
- баланд бардоштани огоҳии аҳолӣ оид ба низоми суғуртаи амонату пасандозҳо.

Маблағи тибқи Зеркомпоненти 1.1.-и Лоиҳа барои сармоякунонӣ пешниҳодшаванда, бо назардошти аз ҷониби Хазина иҷрои шартҳои пешакии зерини он ба суратҳисоби Хазина интиқол дода мешаванд. Аз ҷумла:

1) Хазина сиёсати сармоягузориро барои сармоягузорӣ кардани маблағҳои Хазина дар шакл ва мазмуне, ки дар ҳуҷҷатҳои лоиҳа пешбинӣ шудаанд, таҳия ва қабул менамояд ва мутобиқан минбаъд дилхоҳ маблағгузориҳоро тибқи Сиёсати сармоягузории Хазина амалӣ менамояд.

2) Ба "Созишномаи қолабӣ оид ба ҷудо намудани қарз ҳангоми касри Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ" аз 9 марти соли 2022, байни

Вазорати молия ва Хазина, инчунин ба "Тартиби ҷудо намудани қарз ҳангоми касри Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ", ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №622, санаи 26 ноябри соли 2020 тасдиқ шуда, он ҳамчун санади меъёрии асосӣ, ки тартиби ҷудо намудани қарзро ҳангоми касри Хазина ба танзим медарорад, ҳисобида мешавад, тағйиротҳои дахлдор ворид карда шудаанд.

3) Хазина тартиби супоридани пардохтҳои иловагиро аз ҷониби ташкилотҳои қарзии аъзои Хазина, таҳия ва тасдиқ менамояд.

4) Идоракунандаи байналмилалии дороиҳо бо тахассус, таҷриба ва шартҳои дахлдор дар давраи амалӣ гардидани Лоиҳа барои идора кардани сармоягузориҳои байналмилалии захираҳои асъории Хазина мувофиқи Сиёсати сармоягузорӣ, ҷалб ва нигоҳ дошта мешавад.

Хазина дар самти иҷрои шартҳои пешакии лоиҳаи болозикри Бонки Ҷаҳони корбарӣ карда, дар ҳамкорӣ бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки миллии Тоҷикистон онҳо дар маҷмуъ иҷро карда шуданд ва дар навбати худ аз ҷониби Бонки Ҷаҳонӣ иҷрошуда ҳисобида шуданд.

Вобаста ба ин, санаи 31 марти соли 2025 транши сармоякунонии Хазина ба маблағи умумии 13,5 млн. долл ИМА (10,2 млн. СДР) аз ҷониби Бонки Ҷаҳонӣ ба суратҳисоби асъории Хазина дар Бонки миллии Тоҷикистон интиқол дода шуд. Дар умум, ҷалби маблағи мазкур дастоварди назаррас дар самти ҷалби сармояи хориҷӣ ба кишвар ва таъмини устувории молиявии Хазина арзёбӣ мегардад.

Ҳамзамон, Хазина дар якҷоягӣ бо мушовирони лоиҳа доир ба татбиқи зерқисмати 1.2, ки тибқи он амалигардонии барномаи автоматикунонии раванди пардохти ҷубронпулии суғурта ба пасандоздорон бо назардошти таъмини системаҳои ҳифзи маълумот дар назар аст, ҳамкорӣ намуд. Татбиқи лоиҳаи зикршуда барои вусъат ёфтани равандҳои инноватсионӣ ва истифодаи технологияҳои муосир дар Хазина, автоматикунонии равандҳои кории ҷамъоварӣ, коркард ва таҳлили ҳисоботҳо, боэътимоду фаврӣ омода намудан ва таъмини коркарди маълумоти Феҳристи пасандоздорон имконият медиҳад.

Ғайр аз ин, дар доираи зерқисмати 1.3 лоиҳа, ки он татбиқи чорабиниҳои ташвиқоту тарғиботи аҳолиро оид ба Хазина ва низоми суғуртаи амонату пасандозҳо дар назар дорад, бо ширкати ватанӣ оиди гузаронидани назарсанҷии аҳолӣ корҳо роҳандозӣ шуданд. Аз рӯи натиҷаҳои назарсанҷӣ вобаста ба сатҳи воқеан муайяншудаи огоҳии аҳолӣ оид ба низоми суғуртаи амонату пасандозҳо, омода намудани стратегияи коммуникатсионии Хазина ва дар амал татбиқ намудани он бо мушовирони лоиҳа ба нақша гирифта шудааст.

Дар соли 2025 дар доираи лоиҳаи кӯмаки техникии Бонки Ҷаҳонӣ "Таҳкими бахши молиявӣ дар Тоҷикистон – Фазаи II" дар чаҳорчӯбаи

компоненти идоракунии буҳронӣ, аз ҷониби Бонки Ҷаҳонӣ бо иштироки мушовири байналмилалӣ оид ба тақвияти савияи дониш ва малакаи кории кормандони Бонки миллии Тоҷикистон ва Хазина, дар дафтари намояндагии Бонки Ҷаҳонӣ дар Тоҷикистон, семинар-тренинг ташкил ва гузаронида шуд.

Ҳадафи асосии чорабинии мазкур ин идомаи корҳо дар самти татбиқи лоиҳаи кӯмаки техникии болозикр, аз ҷумла доир ба масъалаҳои амалигардонии роҳу усулҳои мушаххаси батанзимдарории ташкилотҳои қарзӣ ба ҳисоб меравад. Дар маҷмуъ, механизми батанзимдарории ташкилоти қарзӣ ба таҷдиди сохтори ташкилоти қарзии мушкилотдор бо мақсади кам кардани таъсири манфии он ба низоми молиявӣ-иқтисодӣ нигаронида шудааст.

Дар рафти тренинг муқаррароти қонунгузории амалкунанда, механизм ва услубҳои баҳодиҳии арзиши дороиҳо ва ӯҳдадориҳои ташкилоти қарзии мушкилотдор дар раванди батанзимдарорӣ, роҳу усулҳои гузаронидани санҷиши хароҷоти камтарин ҳангоми иштироки Хазина дар маблағгузории бонки мутавассит, инчунин ҳамкориҳои дахлдори Хазина бо Бонки миллии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода шуд.

Дар давоми соли ҳисоботӣ Хазина ҳамкориро бо коршиносони Бонки Осиёгии Рушд (БОР) дар доираи лоиҳаи кӯмаки техникӣ оид ба таҳкими суботи молиявӣ ва устувории низоми бонкӣ ва ғайрибонкӣ дар Тоҷикистон “Knowledge and Support Technical Assistance project”, идома дод. Лоиҳаи мазкур ба густариши соҳаи суғуртаи пасандозҳо, баланд бардоштани устувории молиявии Хазина, инчунин муайян кардани монеаҳои мавҷуда ва қадамҳои мушаххаси минбаъда оид ба татбиқи низоми муайянкунии андозаи пардохтҳои тақвимии ташкилотҳои қарзӣ, ки ба арзёбии хавфи ташкилоти қарзӣ асос ёфтааст, тавассути такмили низоми ҳисоботи танзими молиявӣ дар Тоҷикистон равона карда шудааст.

Дар доираи ин ҳамкориҳо дар моҳи апрели соли 2025 ҳайати кории БОР ба Тоҷикистон ташриф оварда, семинар – машварат бо иштироки кормандони ташкилотҳои қарзии узви Хазина, Бонки миллии Тоҷикистон ва Хазина дар меҳмонхонаи “Ҳайят Реҷенси” ташкил ва гузаронида шуд. Аз ҷониби ҳайати коршиносони БОР ба диққати иштирокчиён рӯнамоӣ пешкаш карда шуд.

Дар навбати худ, аз ҷониби раиси Хазина низ ба диққати иштирокчиён дар шакли рӯнамоӣ дар бораи вазъи кунунии низоми суғуртаи амонату пасандозҳо дар Тоҷикистон, камбудиҳои мавҷуда ва роҳҳои эҳтимолии ҳалли онҳо ба ҳозирин баромад пешниҳод карда шуд.

Дар ҷараёни семинари ду рӯза, масъалаҳои мухталиф оид ба низоми суғуртаи амонату пасандозҳо, васеъ намудани фарогирии суғуртаи амонату пасандозҳо ҷиҳати таъмини ҳимояи пасандозҳо, баланд бардоштани устувории молиявии Хазина тавассути такмили стратегияҳои сармоягузорӣ, гузариш ба низоми мониторинги ба хавф асосёфта, мутобиқсозии Хазина ба

стандартҳои байналмилалии муқаррарнамудаи АБСП ва дигарҳо мавриди муҳокима қарор дода шуданд.

## 2.6. Сохтори ташкилӣ ва кормандони Хазина

Сохтори ташкилии Хазина аз раис ва кормандони Хазина иборат аст. Мақоми олии идоракунии Хазина Шурои нозирони Хазина мебошад, ки барои назорати умумии фаъолияти Хазина масъул мебошад. Раиси Хазина барои идоракунии фаъолияти ҷории Хазина ва иҷрои қарорҳои Шурои нозирони Хазина масъул мебошад.

Ба санаи 31 декабри соли 2025 ҳайати кормандони Хазина мутобиқи ҷадвали вазифавӣ аз 13 нафар кормандон иборат буд, ки ин нисбат ба соли 2024 як нафар корманд зиёд мебошад.

**Сохтори ташкилии Хазина (ба ҳолати 31.12.2025)**




Дар соли сипаришуда бо мақсади такмили сохтори ташкилии Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон, таъмини самараноки раванди корӣ ва иҷрои босифати вазифаҳо, бо қарори Шурои нозирони Хазина ба сохтори ташкилии Хазина як воҳиди кории нав – сармутахассис ворид карда шуд.

Бо назардошти он, ки захираҳои инсонӣ барои ноил шудан ба ҳадафҳои стратегии Хазина аҳамияти ҳалкунанда доранд, Хазина барои такмили минбаъдаи сохтор ва рушди захираҳои кадрӣ тавассути татбиқи нақшаи ҳамаҷонибаи омӯзиш ва такмили ихтисоси кормандон чораҳои зарурӣ хоҳад андешид.

# Ҳисоботи молиявӣ

# 3. ҲИСОБОТИ МОЛИЯВИИ ХАЗИНА

## Дороиҳои Хазина

Дар соли ҳисоботӣ дар шароити муътадилии вазъи низоми бонкӣ раванди устувори афзоиши маблағҳои Хазина идома ёфт. Тибқи ҳисоботи маҷмӯӣ оид ба вазъи молиявӣ ба ҳолати 31 декабри соли 2025 маблағҳои (дороиҳои) умумии Хазина 499,5 млн. сомониро ташкил дода, нисбат ба ҳамин санаи соли гузашта 77,1 фоиз ё худ 217,5 млн. сомонӣ зиёд гардиданд.

**Тамоюли тағйирёбии дороиҳои Хазина (млн. сомонӣ)**




Тибқи Қонун ташкилотҳои қарзӣ пардохтҳои тақвимиро аз рӯи уҳдадориҳои худ вобаста ба асъори амонату пасандоз, бо пули миллӣ ва бо асъори хориҷӣ ба Хазина пардохт менамоянд. Аз ин рӯ, маблағи Хазина аз бақияи маблағҳои бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ ташаккулёфта иборат мебошад. Аз маблағи умумии дороиҳо 58,4 фоиз ба пули миллӣ ва 41,6 фоиз ба асъори хориҷӣ рост меояд.

Ҳамзамон бояд қайд кард, ки пардохтҳои тақвимии ташкилотҳои қарзии узви Хазина на ҳамчун даромад, балки ҳамчун пардохтҳо барои ташаккули захираи сармоявии мақсаднок арзёбӣ карда мешаванд. Маблағҳои захиравии мазкур тибқи Қонун танҳо барои ҷуброни пасандозҳои суғурташуда пешбинӣ шудаанд.

Бо назардошти оне, ки Хазина ҳамчун ҷамъоваранда ва баҳисобгирандаи пардохтҳои тақвимӣ амал мекунад ва пардохтҳои мазкур дороиҳои Хазинаро бе пайдо шудани уҳдадории ба ташкилотҳои қарзӣ баргардонидани онҳо зиёд мекунанд, онҳо бевосита дар сармоя ҳамчун захираҳои ҷамъшуда эътироф карда мешаванд.

Дар соли ҳисоботӣ афзоиши маблағҳои Хазина асосан аз ҳисоби гранти сармоякунонии Ассотсиатсияи байналмилалии рушди Гурӯҳи Бонки Ҷаҳонӣ ба маблағи 147,4 млн. сомонӣ ва пардохтҳои ташкилотҳои қарзӣ 93,4 млн. сомонӣ афзуданд.

Дар таркиби умумии дороиҳо ҳиссаи дороиҳои даромаднок 54,5 фоизро ташкил додааст (дар соли 2024 ҳиссаи мазкур 48,5 фоиз буд), ки ин дар умум аз самаранокии идоракунии захираҳои молиявии Хазина далолат медиҳад.

**Саҳм ба афзоиши дороиҳои Хазина (млн. сомонӣ)**




## Даромад ва хароҷоти амалиётӣ

Дар соли 2025 даромади амалиётии Хазина тибқи ҳисоботи маҷмуии фоида ё зарар ва дигар даромади умумӣ маблағи 18,0 млн. сомониро ташкил дода, нисбат ба соли қаблӣ ба таври назаррас ба андозаи 2,6 маротиба афзоиш ёфт. Афзоиши мазкур асосан бо даромади фоизии соф ба маблағи 17,8 млн. сомонӣ, ки аз ҳисоби фаъолияти сармоягузорӣ ба даст оварда шуд, вобаста мебошад.

Хароҷотҳои амалиётии Хазина дар доираи буҷети аз тарафи Шурои нозирони Хазина тасдиқшуда ҷамъбаст ёфта, маблағи он 2,8 млн. сомониро ташкил дод.

Ҳамин тариқ, фоидаи амалиётии Хазина (то азнавбаҳодиҳии асъори хориҷӣ) дар соли ҳисоботӣ 15,2 млн. сомониро ташкил дод, ки ин нисбат ба

соли қаблӣ 3,5 маротиба зиёд мебошад (дар соли 2024 нишондоди мазкур 4,3 млн. сомониро ташкил дода буд).

**Даромади софи амалиётии Хазина (млн. сомонӣ)**




Ҳамзамон, бо вуҷуди ба даст овардани баландтарин нишондиҳандаи даромади софи амалиётӣ дар таърихи фаъолияти худ, Хазина дар соли 2025 дар натиҷаи коҳишёбии назарраси қурби асъори хориҷӣ аз ҳисоби моддаҳои азнавбаҳодиҳии асъори хориҷӣ 38,5 млн. сомонӣ зарар дид.

Бо назардошти омили азнавбаҳодиҳии асъори хориҷӣ, дар соли 2025 фоидаи софи Хазина тибқи ҳисоботи маҷмуӣ оид ба фоида ё зарар бо нишондоди манфӣ ба маблағи -23,3 млн. сомонӣ ҷамъбаст ёфт.

**Фоидаи софи Хазина (млн. сомонӣ)**



Мутобиқи муқаррароти Қонун фаъолияти Хазина ҳар сол мавриди санҷиши аудитории берунӣ қарор мегирад. Аудити ҳисоботи молиявии Хазина барои соли 2025 аз тарафи ширкати аудиторӣ саривақт гузаронида шуда, тибқи хулосаи аудиторӣ ҳисоботҳои таҳиягардидаи молиявии Хазина ва нишондиҳандаҳои дахлдори он ҳолат ва натиҷаҳои молиявии Хазинаро ба санаи 31 декабри соли 2025 дар мутобиқат бо СБҲМ дуруст инъикос менамоянд.

# ЗАМИМАҲО

## НИШОНДИҲАНДАҲОИ КАЛИДИИ ХАЗИНА ДАР СОЛҲОИ 2020-2025

| Нишондиҳанда | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 | 2025 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи ташкилотҳои қарзӣ-узви Хазина (адад) | 34 | 29 | 30 | 32 | 35 | 40 |
| Амонату пасандозҳои суғурташуда (млн. сомонӣ) | 3 450,4 | 3 315,1 | 4 569,9 | 8 798,7 | 11 997,4 | 16 470,8 |
| Шумораи пасандоздорони суғурташуда (ҳаз. нафар) | 483,7 | 816,3 | 1 206,2 | 2 062,0 | 2 492,8 | 3 704,1 |
| Маблағи миёнаи пасандозҳои суғурташуда (ҳаз. сомонӣ) | 7,1 | 4,1 | 3,8 | 4,3 | 4,8 | 4,4 |
| Амонату пасандозҳои рӯйпӯшшуда дар доираи андозаи ҷубронпулӣ (млн. сомонӣ) | 1 202,6 | 1 350,2 | 2 011,4 | 3 280,5 | 4 819,3 | 6 241,5 |
| Амонату пасандозҳои рӯйпӯшшуда нисбат ба амонату пасандозҳои суғурташуда (%) | 34,9 | 40,7 | 44,0 | 37,3 | 40,2 | 37,9 |
| Ҳиссаи пасандоздорони пурра рӯйпӯшшуда (%) | 95,8 | 97,8 | 98,0 | 98,4 | 98,0 | 98,2 |
| Дороиҳои Хазина (млн. сомонӣ) | 309,9 | 134,3 | 158,9 | 207,6 | 282,0 | 499,5 |
| Дороиҳои Хазина нисбат ба амонату пасандозҳои рӯйпӯшшуда (%) | 25,8 | 9,9 | 7,9 | 6,3 | 5,9 | 8,0 |
| Андозаи ҳадди аксари маблағҳои Хазина (дороиҳои Хазина нисбат ба пасандозҳои суғурташуда (%) | 5,8* | 2,5* | 2,0* | 2,4 | 2,4 | 3,0 |

* - то соли 2023 нисбат ба ҳаҷми умумии пасандозҳои шахсони воқеӣ дар низоми бонкӣ

## ХАЗИНАИ СУҒУРТАИ АМОНАТУ ПАСАНДОЗҲОИ ТОҶИКИСТОН

## ҲИСОБОТИ МАҶМУӢ ОИД БА ВАЗЪИ МОЛИЯВӢ БА ҲОЛАТИ 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2025

| Бо сомонӣ | 31.12.2025 | 31.12.2024 |
|---|---|---|
| **ДОРОИҲО** | | |
| Воситаҳои пулӣ ва ҳамарзиши онҳо | 220 041 666 | 142 831 543 |
| Дороиҳои молиявӣ то мухлати пардохт | 272 461 361 | 136 899 696 |
| Фоизҳои ҳисобшуда барои гирифтан | 6 851 046 | 2 079 420 |
| Воситаҳои асосӣ | 127 873 | 136 767 |
| Дороиҳои ғайримоддӣ | 8 477 | 12 699 |
| Дигар дороиҳо | 21 007 | 25 546 |
| **Ҷамъ дороиҳо** | **499 511 430** | **281 985 671** |
| **УҲДАДОРИҲО** | | |
| Ҳисобҳои дигар барои пардохт - пули миллӣ | 40 211 | 37 938 |
| Ҳақгузорӣ ба Фонди ҳифзи иҷтимоӣ барои пардохт | 27 000 | 7 587 |
| Дигар уҳдадориҳо | 173 633 | 86 030 |
| **Ҷамъ уҳдадориҳо** | **240 844** | **131 555** |
| **САРМОЯ** | | |
| Сармояи пардохтшудаи саҳомӣ | 590 232 | 590 232 |
| Сармояи изофа | 4 005 286 | 2 560 286 |
| Захира барои ҷуброни пасандозҳои суғурташуда | 520 509 616 | 281 214 904 |
| Фоидаи тақсимнашуда (зарар) | (25 834 548) | (2 511 306) |
| **Ҷамъ сармоя** | **499 270 586** | **281 854 116** |
| **ҶАМЪ УҲДАДОРИҲО ВА САРМОЯ** | **499 511 430** | **281 985 671** |

## ХАЗИНАИ СУҒУРТАИ АМОНАТУ ПАСАНДОЗҲОИ ТОҶИКИСТОН

## ҲИСОБОТИ МАҶМУӢ ОИД БА ФОИДА Ё ЗАРАР ВА ДИГАР ДАРОМАДИ УМУМӢ БАРОИ СОЛЕ, КИ 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2025 АНҶОМ ЁФТААСТ

| Бо сомонӣ | 2025 | 2024 |
|---|---|---|
| Даромади фоизӣ | 18 513 720 | 6 902 303 |
| Хароҷоти фоизӣ | (665 846) | (17 923) |
| **Даромади софи фоизӣ** | **17 847 875** | **6 884 407** |
| Дигар даромадҳо | 161 960 | 122 699 |
| **Даромадҳои амалиётӣ** | **18 009 835** | **7 007 106** |
| Хароҷотҳои амалиётӣ | (2 811 923) | (2 656 184) |
| **Фоидаи амалиётӣ то азнавбаҳодиҳии асъори хориҷӣ** | **15 197 912** | **4 350 922** |
| Даромад (зарар)-и соф аз азнавбаҳодиҳии асъори хориҷӣ | (38 521 154) | 0 |
| **Фоида (зарар) то андозбандӣ** | **(23 323 242)** | **4 350 922** |
| Андоз аз фоида | 0 | 0 |
| **Фоида (зарар)-и соф дар давра** | **(23 323 242)** | **4 350 922** |

## ХАЗИНАИ СУҒУРТАИ АМОНАТУ ПАСАНДОЗҲОИ ТОҶИКИСТОН

## ҲИСОБОТИ МАҶМУӢ ОИД БА ГАРДИШИ ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ БАРОИ СОЛЕ, КИ 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2025 АНҶОМ ЁФТААСТ

| Бо сомонӣ | 2025 | 2024 |
|---|---|---|
| ***Гардиши воситаҳои пулӣ аз фаъолияти амалиётӣ*** | | |
| Воридшавӣ аз пардохти ҳаққи узвият | 1 445 000 | 440 000 |
| Воридшавӣ аз пардохтҳои тақвимии ташкилотҳои қарзӣ | 92 006 252 | 69 378 167 |
| Дигар даромадҳо | 161 960 | 80 268 |
| Хароҷотҳои амалиётӣ | (3 334 574) | (2 626 727) |
| Пардохти ҷубронпулии суғурта | (91 712) | (239 825) |
| **Тағйирёбии софи воситаҳои пулӣ аз фаъолияти амалиётӣ** | **90 186 926** | **67 031 884** |
| ***Ҳаракати воситаҳои пулӣ аз фаъолияти сармоягузорӣ*** | | |
| Харидории воситаҳои асосӣ | (16 252) | (106 010) |
| Харидории коғазҳои қиматнок | (350 798 470) | (252 209 860) |
| Бозгашти воситаҳои пулии аз коғазҳои қиматнок | 215 236 805 | 166 684 860 |
| Фоизи (дисконти) гирифташуда аз рӯи коғазҳои қиматнок | 13 742 095 | 4 865 856 |
| **Тағйирёбии софи воситаҳои пулӣ аз фаъолияти сармоягузорӣ** | **(121 835 822)** | **(80 765 154)** |
| ***Ҳаракати воситаҳои пулӣ аз фаъолияти молиявӣ*** | | |
| Гранти сармоякунонии Ассотсиатсияи байналмилалии рушди Гурӯҳи Бонки Ҷаҳонӣ | 147 380 174 | 0 |
| **Тағйирёбии софи воситаҳои пулӣ аз фаъолияти молиявӣ** | **147 380 174** | **0** |
| Таъсири тағйирёбии қурби асъор ба ҳаҷми маблағҳои пулие, ки бо асъори хориҷӣ ифода ёфтаанд | (38 521 154) | (1 051 729) |
| **Тағйирёбии софи воситаҳои пулӣ** | **77 210 123** | **(14 784 999)** |
| **Воситаҳои пулӣ дар аввали сол** | **142 831 543** | **157 616 542** |
| **Воситаҳои пулӣ дар охир сол** | **220 041 666** | **142 831 543** |

## ХАЗИНАИ СУҒУРТАИ АМОНАТУ ПАСАНДОЗҲОИ ТОҶИКИСТОН

## ҲИСОБОТИ МАҶМУӢ ОИД БА ТАҒЙИРОТ ДАР САРМОЯ БАРОИ СОЛЕ, КИ 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2025 АНҶОМ ЁФТААСТ

| Бо сомонӣ | Сармояи пардохт-шуда | Сармояи изофа | Захира барои ҷуброни пасандозҳои суғурташуда | Фоида/ зарари тақсимна-шуда | ҶАМЪ |
|---|---|---|---|---|---|
| **Бақия ба санаи 31 декабри с. 2023** | **590 232** | **2 120 286** | **211 652 034** | **(6 862 227)** | **207 500 324** |
| Фоидаи (зарари) соф | | | | 4 350 922 | 4 350 922 |
| Зиёдшавии сармояи изофа | | 440 000 | | | 440 000 |
| Зиёдшавии захира барои ҷуброни суғурта | | | 69 378 167 | | 69 378 167 |
| Тасҳеҳи фоида барои соли ҳисоботӣ | | | 424 527 | | 424 527 |
| Истифодаи захира барои ҷуброни суғурта (ҷубронпулӣ) | | | (239 825) | | (239 825) |
| **Бақия ба санаи 31 декабри с. 2024** | **590 232** | **2 560 286** | **281 214 903** | **(2 511 306)** | **281 854 116** |
| Фоида (зиёни) софи давраи ҳисоботӣ | | | | (23 323 242) | (23 323 242) |
| Зиёдшавии сармояи изофа | | 1 445 000 | | | 1 445 000 |
| Гранти сармоякунонии Гурӯҳи Бонки Ҷаҳонӣ | | | 147 380 174 | | 147 380 174 |
| Зиёдшавии захира барои ҷуброни суғурта | | | 92 006 252 | | 92 006 252 |
| Тасҳеҳи фоида барои соли ҳисоботӣ | | | | | 0 |
| Истифодаи захира барои ҷуброни суғурта (ҷубронпулӣ) | | | (91 712) | | (91 712) |
| **Бақия ба санаи 31 декабри с. 2025** | **590 232** | **4 005 286** | **520 509 616** | **(25 834 548)** | **499 270 586** |

**ХАЗИНАИ СУҒУРТАИ АМОНАТУ ПАСАНДОЗҲОИ ТОҶИКИСТОН**

**+(992) 44 600 66 00**
**info@dif.tj**
**www.dif.tj**